Маълумотномаи
асосноккунандаи зарурати таҳияи лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Тартиби пешниҳоди имтиёзҳо барои воридоти таҷҳизоти соҳаи алоқа ва технологияҳои иттилоотӣ, сохтмон ва таҷдиди каналҳои захиравии алоқа барои солҳои 2027-2037”

Лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Тартиби пешниҳоди имтиёзҳо имтиёзҳо барои воридоти таҷҳизоти соҳаи алоқа ва технологияҳои иттилоотӣ, сохтмон ва таҷдиди каналҳои захиравии алоқа барои солҳои 2027-2037” дар робита ба иҷрои бандҳои 26, 50 ва 52 Нақшаи чорабиниҳои амалигардонии Стратегияи рушди соҳаи алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 дар солҳои 2026-2030, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2026, №231 тасдиқ гардидааст, таҳия гардида бо мақсади татбиқи сиёсати давлатии рушди инфрасохтори рақамӣ, баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои алоқа, васеъ намудани шабакаҳои нахи оптикӣ ва таъмини рушди иқтисоди рақамӣ, муқаррар намудани намуд ва тартиби пешниҳоди имтиёзҳо, субъектони имтиёзгиранда ва ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳо равона гардидааст.

Ҳадафи асосии лоиҳа ташкили механизми давлатии ҳавасмандгардонии навсозии инфрасохтори алоқа, баланд бардоштани рақобатпазирии бозори хизматрасониҳои соҳаи алоқа, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамии муосир ва таъмини рушди устувори иқтисоди рақамӣ мебошад. Айни замон тартиби ягонаи давлатии пешниҳоди имтиёзҳо ҳангоми воридоти таҷҳизоти соҳаи алоқа ва технологияҳои иттилоотӣ, сохтмон ва таҷдиди каналҳои захиравии алоқа вуҷуд надорад, ки дар натиҷа ҳамоҳангсозии байни мақомоти давлатӣ ва субъектони соҳаи алоқа ноустувор гардида, муҳлати амалисозии лоиҳаҳои сохтмонӣ тӯлонӣ гардида истодааст, ки ба роҳ мондани истифодаи муштараки инфрасохтори муҳандисиро коста гардонида, хароҷоти операторони алоқаро зиёд намуда, рушди шабакаҳои алоқа бахусус дар минтақаҳои дурдастро заиф гардонидааст. Қабули лоиҳаи қарор имкон медиҳад, ки тартиби ягонаи пешниҳоди имтиёзҳо муқаррар гардида, расмиёти соддагардонии маъмурӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ беҳтар карда шавад. Барои расидан ба ҳадафҳои мазкур лоиҳа иҷрои вазифаҳои зеринро пешбинӣ менамояд:

- муайян намудани таҷҳизоти афзалиятнок;
- муайян намудани субъектони имтиёзгиранда;
- муқаррар намудани тартиби пешниҳоди имтиёзҳо;
- муайян намудани ваколатҳои мақомоти давлатӣ;
- ҷорӣ намудани механизми мониторинг ва назорати истифодаи мақсадноки таҷҳизот.

Дар айни замон қисми зиёди таҷҳизоти шабакаҳои алоқа, марказҳои коркарди додаҳо, шабакаҳои нахи оптикӣ, шабакаҳои мобилӣ ва таҷҳизоти таъмини амнияти киберӣ аз хориҷи кишвар ворид карда мешаванд. Арзиши баланди таҷҳизот, пардохтҳои гумрукӣ ва андозӣ, инчунин муҳлати тӯлонии барасмиятдарории гумрукӣ ба зиёд гардидани хароҷоти сармоягузории операторони алоқа оварда расонида, суръати навсозии инфрасохтори рақамиро коҳиш медиҳад. Бо ин назардошт, ташкили механизми давлатии пешниҳоди имтиёзҳо барои воридоти таҷҳизоти афзалиятноки соҳаи алоқа ҳамчун яке аз воситаҳои дастгирии рушди иқтисоди рақамӣ зарур мебошад.

Ҳамзамон, лоиҳа бо мақсади муқаррар ва ташкил намудани заминаи ҳуқуқӣ барои рушди каналҳои захиравии алоқа, фароҳам овардани шароити мусоид барои сармоягузорӣ, истифодаи самараноки инфрасохтори муҳандисӣ, баланд бардоштани рақобат дар бозори хизматрасониҳои алоқа, рушди шабакаҳои нахи оптикӣ ва баланд бардоштани устувории шабакаҳои алоқа дар минтақаҳои дурдаст равона гардида аз 9 боб ва 36 банд иборат буда, дар боби 1 Муқаррароти умумӣ, боби 2 Самтҳои афзалиятнок, мақсад ва принсипҳо, боби 3 Субъектони имтиёзгиранда, боби 4 Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектони имтиёзгиранда, боби 5 Намудҳои имтиёзҳо, боби 6 Тартиби пешниҳоди имтиёзҳо, боби 7 Ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи танзим ва пешниҳоди имтиёзҳо, боби 8 Татбиқи имтиёзҳо, боби 9 Муқаррароти хотимавӣ пешбинӣ гардидааст.

Дар шароити рушди иқтисоди рақамӣ ва афзоиши ҳаҷми хизматрасониҳои электронӣ, шабакаҳои алоқа ба яке аз инфрасохторҳои муҳими стратегӣ табдил ёфтаанд. Бо вуҷуди рушди назарраси шабакаҳои нахи оптикӣ, дар як қатор минтақаҳои ҷумҳурӣ роҳҳои алтернативӣ (захиравӣ)-и интиқоли трафик ҳанӯз пурра ташкил нашудаанд. Дар натиҷаи садамаҳои техникӣ, корҳои сохтмонӣ ва ё офатҳои табиӣ эҳтимоли пурра қатъ гардидани хизматрасониҳои алоқа ва интернет ба вуҷуд меояд, ки метавонад ба фаъолияти мақомоти давлатӣ, муассисаҳои молиявӣ, низоми пардохтҳои электронӣ, хизматрасониҳои давлатӣ ва фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ таъсири манфӣ расонад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки яке аз сабабҳои асосии суст ҷорӣ гардидани шабакаҳои захиравӣ гаронии таҷҳизот, арзиши баланди сохтмон, расмиёти зиёди маъмурӣ ва мавҷуд набудани механизмҳои давлатии ҳавасмандгардонии операторони алоқа мебошад.

Мақсади асосии лоиҳа муайян намудани тартиби ягонаи пешниҳоди дастгирии давлатӣ барои воридоти таҷҳизот, сохтмони каналҳои захиравии алоқа, ҷорӣ намудани механизми ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ вобаста ба татбиқи чунин лоиҳаҳо ва соддагардонии расмиёти мувофиқаҳо барои сохтмони каналҳои захиравӣ мебошад.

Ҳамзамон, қобили зикр аст, ки лоиҳаи мазкур дар робита ба пешгирии монеаҳои маъмурӣ барои операторон ва провайдерҳои алоқа ба муҳити соҳибкорӣ таъсири мусбат расонида ба таъмини рақобати солим дар бозори хизматрасониҳои алоқа мусоидат намуда, муҳлати амалисозии лоиҳаҳои сохтмони инфрасохтори алоқа кӯтоҳ гардида, арзиш ва хароҷоти сохтмони шабакаҳои алоқа коҳиш ёфта, ҳаҷми сармоягузории дохилӣ ва хориҷиро зиёд намуда, истифодаи муштараки инфрасохтори муҳандисӣ васеъ мегардад, инчунин сифати хизматрасониҳои алоқа беҳтар гардида шумораи истифодабарандагони хизматрасониҳои рақамӣ ва фарогирии интернети фарохмаҷӣ зиёд мегардад. Имтиёзҳои дар лоиҳа пешбинигардида асосан хусусияти ташкилию маъмурӣ дошта, ба соддагардонии расмиёти ҳамоҳангсозӣ ва истифодаи муштараки инфрасохтори муҳандисӣ равона карда мешавад.

Қабули лоиҳаи Қарори мазкур ҷавобгӯи талаботи замони муосир ва таҷрибаи давлатдории муваффақ буда, ба таҳким бахшидани сифати хизматрасониҳои алоқа мусоидат намуда, ба манфиати рушди устувори иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар хизмат намуда, имкон медиҳад, ки пояи ҳуқуқии нақши хизматрасониҳои соҳаи алоқа мустаҳкам карда шуда, ҳамкориҳои байниидоравӣ беҳтар ва ҳисоботдиҳӣ шаффофтар гардида, кормандони соҳаро бо ҳифзи ҳуқуқии муносиб таъмин намояд. Аз ин лиҳоз, таҳия ва қабул гардидани лоиҳаи мазкур тадбирҳои саривақтӣ ва мақсаднок арзёбӣ мегардад.

Лоиҳаи мазкур тибқи бандҳои 13 – 15 боби 3 Тартиби гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомотҳои давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот ва лоиҳаҳои онҳо, арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳрии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2014, №355 тасдиқ гардидааст, мавриди арзёбии дохилиидоравӣ қарор гирифта, дар он омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ошкор нагардидааст.

Маълумоти тафсирӣ, ки бояд тибқи банди 15 Тартиби мазкур дар маълумоти арзёбии дохилиидоравӣ пешбинӣ мешаванд, аз ҷумла овардани ҳолатҳои воқеӣ ва рақамҳои зарурӣ, баён намудани мақсади танзими ҳуқуқии санади мазкур, ба таври мушаххас нишон додани натиҷаҳои пешбинишаванда ва меъёри баҳодиҳии ҳолати иҷрои нишондиҳандаҳо ва сарчашмаҳои маблағгузории хароҷоти барои татбиқи санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур, дар дигар қисматҳои маълумотномаи мазкур пурра шарҳ дода шудааст.

Лоиҳаи Қарори мазкур имтиёзҳои андозӣ ва гумрукиро мустақиман муқаррар наменамояд. Масъалаи ҷорӣ намудани чунин имтиёзҳо мутобиқи

қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои дахлдори соҳавии қонунгузорӣ амалӣ карда мешаванд.

Лоиҳаи мазкур ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунҳои ҷорӣ мухолифат надошта, аз Буҷети давлатӣ маблағгузории иловагиро талаб наменамояд ва амалишавии он аз ҳисоби маблағҳои пешбинишудаи мақомоти давлатӣ ва дигар сарчашмаҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, сурат мегирад.

Хадамоти алоқаи назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон